# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) пешниҳод шудааст.**

Композитор Шуҳрат Ашӯров яке аз симоҳои барҷастаи мусиқии академии давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба шумор меравад. Беш аз ин, ин композиторро метавон яке аз фаъолтарин муаллифи мусиқии давраи Истиқлоли Тоҷикистон шуморид.

Асарҳои гуногунжанри Шуҳрат Ашӯров фарогири мавзуи муосиранд ва ба ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон равон карда шудаанд. Онҳо ҳаёти имрӯзаро дар мусиқии академии тоҷик таҷассум намудаанд. Аз ин лиҳоз таҳлилу таҳқиқи ин асарҳо барои мусиқишиносии ҳам Тоҷикистон ва хориҷ хеле мубрам аст.

Дар кори диссертатсионӣ паҳлуҳои васеи эҷодиёти композитор фаро гирифта шудааст. Диссертант моҳирона, баҳри муайян кардани нақши композитор ҳамчун офарандаи асарҳои жанрҳои мушаххас, ба раванди тадқиқот фаслҳои таърихӣ-заминавии «Опереттаи тоҷик: заминаи пайдоиш ва рушд» (I.2.1) ва «Пешомадҳои рушди операи бачагона дар Тоҷикистон» (I.2.2.)-ро даровардааст. Бояд гуфт, ки чунин маълумоти маҷмуии таҳлилӣ доир ба жанри оперетта ва жанри операи бачагона дар мусиқишиносӣ ҷо надошт. Бино бар ин, ҳарчанд диссертант барои тадқиқоти худ онро ба ҳайси маводи ёрирасон ворид намудааст, ин ду зерфасл маводи навро ҳам барои ҷараёни таълим ва ҳам илми мусиқишиносӣ пешкаш менамоянд.

Диссертант мақсад, вазифа, объект ва мавзуи кори таҳқиқии худро хеле саҳеҳ иброз намуда, бевосита ба таҳлили фаъолияти эҷодӣ ва асарҳои интихобӣ мегузарад. Ҳамаи асарҳои композиторро диссертант аз маводи дастнависӣ ба тадқиқоти диссертатсионӣ ҷалб кардааст.

Дар кори диссертатсионӣ нахустин бор роҳи эҷодӣ ва фаъолияти композитор сарҷамъ, бо даврабандӣ ва таҳлилҳо қарор гирифтааст. Диссертант услуби композиторро бо мушаххасиёти зиёд дар таҳқиқоти хеш пешниҳод намуда, саҳми композиторро дар ҳалли якчанд масъалаҳои мубрами мусиқии касбии Тоҷикистон мушоҳида менамояд. Яке аз онҳо *бо фаъолияти омӯзгории композитор* вобастагӣ дорад. Диссертант қайд мекунад: «баъди солҳои 90-ум дар мактабҳои мусиқии ибтидоиву миёнаи Тоҷикистон дарсҳои факултативӣ аз тахассуси композиторӣ қатъ гардида буданд. Шуҳрат Ашӯров якум композиторе буд, ки ин карахтиро шикаст». Ин ташаббускории композиторро диссертант ҳамчун ҳалли проблемаи бузург – ба роҳ даровардани мавқеи тахассуси композиторӣ дар системаи таҳсилоти мусиқии Тоҷикистон баҳогузорӣ менамояд.

*Хусусияти дуюми* эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯровро диссертант *бо муроҷиати ӯ ба жанрҳои нодир* мепайвандад. *Хусусияти сеюми* фаъолиятро

– дар *фарогирии васеъи жанрӣ* мебинад. Ва ба андешаи диссертант, «.. дар интихоби сюжет композитор *табиати жанриро* эътибор мегирад» (автореф. саҳ. 21). Ва *хусусияти чаҳоруми* фаъолияти Шуҳрат Ашӯровро бо ҳисси баланди ватанпарастӣ ва зуҳуроти фаъоли шаҳрвандӣ мепайвандад.

Дар бобҳои дуюм ва сеюм мушахассиёти ҳар як асар хеле муфассал таҳлил гардидааст. Диссертант дар таҳлили оперрета устувор нигоҳ доштани шакли классикии оперетта, ҷо надоштани иқтибосе аз мусиқии халқӣ, бо корбарии василаҳои зарбиву жанрӣ ва лаёқати оҳангофарии композитор ба даст овардани асоси миллии опереттаро қайд кардааст. Нақши оркестрро дар хати композитсионӣ-драматургии асар диссертант ҳамчун *заминавӣ* (1), *ривоҷу равнақ додани образҳо* (2) ва *faslӣ*

Хулосаи диссертант доир ба операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» он аст, ки композитор, аввало, қабули кӯдаконро аз мадди назари худ дур намекунад. Бинобар ин, тавонистааст мусиқии операи бачагонаро хеле тасвирӣ, серранг, бо амалҳои ифодаи ҷодугариву сеҳрофарии кӯза хеле ҷолиб дарҷ намояд; 2) тавассути системаи лейтмотивӣ ҳар як образро хеле равшан ифода кардааст; 3) оркестрро бо имконоти васеъ, хусусан тембрӣ, истифода барад; 4) дар маркази диққат образи вобаста ба ҳолат ивазшавандаи Аловиддинро гузоштааст; 5) аз василаҳои хеле сода истифода намудааст.

Дар асарҳои вокалии композитор диссертант мавзунии композитсионӣ-драматургиро қайд кардааст, ки аз малакаи кулминатсиясозӣ, муносибати хосса ба шеър ва ниҳоят оҳангофарии композитор далолат медиҳанд.

Хулосаҳои диссертант инчунин бар онанд, ки дар услуби эҷодии композитор тамоюли «тира» кардани сарҳади жанрӣ мушоҳида карда намешавад. Ба ақидаи диссертант, баръакс, композитор ҳамеша тарафдори мушаххасиёти жанрӣ аст. Бо чунин услуби эҷодӣ композитор ҳамеша дар пайи устувор гардонидани асосҳои мусиқии академӣ дар Тоҷикистон буд.

Ҳамаи таҳлилҳои таҳқиқот аз таҳкурсии устувори методологии кори диссертатсионӣ далолат медиҳанд. Ва дар рафти мутолиаи автореферати кори диссертатсионӣ саволе пайдо шуд:

1. Барои навиштани кори диссертатсионӣ, ба ҷузъ услубҳои таҳлилии мусиқишиносӣ, Шумо ба ягон услуби таҳлилии дигар рӯ овардаед?

Дар хотимаи такризи худ қайд мекунам, ки диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло – таҳқиқоти баанҷомрасидае мебошад, ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ аст. Он ба таърихи навтарини мусиқии академии тоҷик мансуб аст.

Автореферат пурра муҳтавои диссертатсияро арзёбӣ менамояд. Тарҷумаи русии он ҳам мукаммал аст. Мавзуи кори диссертатсионӣ пурра ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи илмии ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шухрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва

вокалӣ-саҳнавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Дотсенти кафедраи санъатшиносӣ
ва назарияи мусиқии
ДДФСТ ба номи М. Турсунзода,
номзади илмҳои санъатшиносӣ Раҳимзода К.С.

«18» июни соли 2026

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Варзоб, деҳаи Дуоба, хонаи 199
E-mail: karomat_rahimov@mail.ru
Тел.: (+992) 985 75 25 94

Имзои Раҳимзода Кароматулло Самандарро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» Нуриддинзода Ф.
«19» июни соли 2026

**Суроға:** 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73А. Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Тел.: (+992-37) 2 31 18 27, Сомона: www. ddst.tj.